**Тақризи**

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Ҷӯраев Манучеҳр Бобоқулович дар мавзуи «Масъалаи инсон дар фалсафаи Абдураҳмони Ҷомӣ» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03-таърихи фалсафа**

Масъалаи инсон яке аз мавзуъҳои марказии илмҳои фалсафӣ буда, таҳқиқу омӯзиши он дар ҳама марҳилаҳои рушди тафаккур ҷойгоҳи хоссаро касб намудааст. Ин муҳимият дар замони муосир низ эҳсос мешавад. Масъалаи табиат, моҳият, нерӯҳои моҳиятӣ ва фаъолияти инсон ҳанӯз ҳам таҳқиқоти ҷиддиро талаб менамояд.

Бо дарназардошти андешаи фавқ, мавзуи диссертатсионии Ҷӯраев М.Б. дорои аҳамияти илмию амалӣ мебошад. Диссертант қайд менамояд, ки «дар замони муосир талаботи ҷомеа ба камолоти маънавии инсон баланд гардида, ташаккули худшиносӣ, худогоҳӣ, ифтихори миллӣ, дарки истиқлолияти давлатӣ, ҳисси волои ватанпарастӣ, шаъну шарафи шаҳрвандӣ ва дигар сифатҳои ахлоқи ҳамидаи инсониро талаб менамояд» ва «таълимоти Абдураҳмони Ҷомӣ дар бораи инсон дорои аҳамияти бузурги илмие мебошад, ки дар ҳаёти маънавӣ, фарҳангӣ ва рӯҳонии ҷомеа мавқеи шоистаро сазовор гаштааст», асоси исботи муҳимияти мавзуи диссертатсионӣ мебошанд. Аз ҷониби дигар, таҳқиқи афкору таълимоти мутафаккирони пешгузаштаи миллат метавонад дар раванди бунёди давлатдории миллӣ ва эҳёи арзишҳои маънавии миллат таъсири раванди ҷаҳонишавӣ ба ҳама соҳаҳои ҳаёти инсонӣ, аз ҷумла маънавиёт, зиёдтар эҳсос мегардад.

Ҷӯраев М.Б. тавонистааст, дар доираи талаботи муқарраргардида ва тавассути методологияи илмӣ мавзуъ, объект ва предмети таҳқиқро муайян, ҳадаф ва вазифаҳоро мушаххас ва ҳамоҳангии мантиқии онҳоро таъмин намояд. Объект ва предмет ба мавзуи таҳқиқотӣ алоқаманд буда, вазифаҳои таҳқиқ дар робита ба онҳо муайян шудаанд. Дар асоси ҳамин алоқамандӣ навгониҳои кори диссертатсионӣ бо нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва хулосаҳои муаллиф мувофиқ карда шудааст.

Гуфтан зарур аст, ки диссертатсия аз ҷиҳати сохтор ва услубу усули таҳқиқ ба талаботи муқарраргардида ҷавобгӯ мебошад.

Дастгоҳи илмӣ-методологии диссертатсияи Ҷураев М.Б. ба мақсад мувофиқ буда, бо истифода аз усулҳои умумимантиқӣ ва илмӣ онро ба анҷом расонидааст. Муваффакияти диссертант дар он аст, ки бори нахуст дар доираи таҳқиқотҳои ба соҳаи фалсафа бахшидашуда, таҳқиқи масъалаи инсонро дар фалсафаи Абдураҳмони Ҷомӣ анҷом дода, мавқеи таълимоти мутафаккирро дар таърихи фалсафаи тоҷик ва арзиши афкори ӯро барои ҷомеаи муосир муайян намудааст.

Қисмати асосии диссертатсияро таҳлили сарчашмаҳои назариявии табиат ва моҳияти инсон, масоили ахлоқӣ ва инъикоси симои инсони комил дар таълимот ва осори Абдураҳмони Ҷомӣ ташкил менамояд, ки бо ҳам пайванди мантиқӣ доранд. Диссертатсия аз ду боб ва шаш зербоб иборат буда, масъалагузориҳо дар ҳама бобҳои он робитаи бевосита ба мавзуъ ва ба ҳамдигар алоқаманд мебошанд. Таҳлили масъалаи гузошташуда дар зербобҳо, хулосабарорӣ ва гузариш ба зербоби дигар дар раванди таҳқиқ мувофиқ ба меъёрҳои таҳқиқоти илмӣ анҷом шудааст, ки аз мустақилияти фикрии муаллиф дарак медиҳад.

Хулосаҳои пешниҳоднамуда ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои бадастомада низ, аз муҳтавои диссертатсия маншаъ гирифта, комилан хусусияти илмӣ доранд. Ҳар як банди хулоса ба зербобҳои диссертатсия тааллуқ дошта, такрори айнии хулосаҳои зербобҳо набуда, дар маҷмуъ натиҷаи таҳқиқотро ифода менамоянд.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи пешниҳодшаванда кори илмии анҷомёфта буда, сохтор ва мазмуни он гувоҳ аз салиқаи баланди муаллиф медиҳанд. Масъалагузориҳо ва ҳалли мантиқии онҳо дар раванди таҳқиқот шоҳиди мустақилияти андешаи диссертант мебошанд.

Дар асоси андешаҳои баёнгардида, ҳамчун роҳбари илмии диссертант таъкид менамоям, ки диссертатсияи Ҷураев Манучеҳр Бобоқулович дар мавзуи “Масъалаи инсон дар фалсафаи Абдураҳмони

Ҷомӣ” ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03-таърихи фалсафа кори илмии тахассусии мустақилона ва анҷомёфта буда, ба меъёрҳои “Низомнома оид ба тартиби додани дараҷа ва унвонҳои илмӣ”-и КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмӣ аз рӯйи ихтисоси 09.00.03-таърихи фалсафа мебошад.

**Роҳбари илмӣ:**
**доктори илмҳои фалсафа,**
**профессор, узви вобастаи АМИТ** **М. Музаффари**

28.05.2022